ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна, дар мавзуи "Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии Ҷануби Тоҷикистон" барои даёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ. ш.Хоруғ, с. 2026

Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ буда, таъмини яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумат, яъне амнияти озуқавории мамлакат, асосан аз сатҳи рушди он вобаста мебошад. Дар шароити камзамини Тоҷикистон, ки 93 фоизи онро кӯҳсорон ташкил медиҳанд, истифодаи самараноки ҳар вақаби замин, гузарондани кишти такрорӣ ва гирифтани 3 ё 4 ҳосил аз заминҳои обӣ барои таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо маводҳои ғизоӣ ва ҳамзамон барои рушди соҳаи чорводорӣ мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз мақсади таҳқиқоти илмии унвонҷуй Давлатова Р.Н. - омӯхтани хусусиятҳои тараққиёт, инкишоф ва маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар кишти тоза ва омехта вобаста ба муҳлати кишт, таъсири он ба ҳосилхезии хок, зироати баъдкиштшаванда дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корам ва таҳияи усулҳои илман асоснок доир ба рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар як сол мубрамии мавзуи интихобнамударо хеле дақиқ нишон медиҳад. Аз тарафи муаллифи рисолаи илмӣ бори аввал дар шароити минтақаи Вахш маҳсулнокии навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ бо назардошти тағйирёбии иқлим дар ҷараёни истифодабарии самараноки заминҳои корами обӣ бо мақсади рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил аз 1 қитъаи замин омӯхта шуд ва конвейери сабз – системаи истеҳсоли таъмини муттасилу бе танаффуси чорво бо хӯрокаи серғизо кор карда баромада шуд.

Бо дар назардошти гуфтаҳои болозикр, рисолаи унвонҷуй Давлатова Р.Н. ба талаботи ҳозираи соҳаи кишоварзӣ дар мамлакат ба пурраги ҷавобгуй буда, мавзуи интихобкарда бе ягон шубҳа муҳим ва мубрам мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои илман асоснокшуда, унвонҷуй нишон додааст, ки усулҳои пайдарҳам кишти зироатҳои кишоварзӣ - кишти омехтаи мушунг бо ғаллагиҳо+ҷуворимакка + арзан, офтобпараст, мушунг ва бозрӯйиди арзан, мушунг дар системаи самаранок истифодабарии заминҳои инконият фароҳам овард, ки чор ҳосили анбӯҳи сабз дар ҷамъ вобаста ба вариантҳо 1903-2065 с/га анбӯҳи сабз, 356-385 с/га воҳиди хӯрока 38,1-41,1 с/га протеини ҳазмшаванда ҷамъоварӣ карда шавад. Пойдор гардидани конвейери муттасили сабзи хӯроки чорво, ки зироатҳои фосилавӣ қисмати асосии он мебошанд, шароит фароҳам меоварданд, ки чорвои

хоҷагиҳо, аввали баҳор, тобистон ва тирамоҳ дер бо хӯрокаҳои сабзи серғизо таъмин карда шаванд.

Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки диссертант натиҷаи таҳқиқотҳои илмиашро дар Конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ баррасӣ намуда 14 мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи мақолаҳоро ба чоп расондааст, ки дар байни онҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки рисолаи пешниҳодгардида аҳамияти баланди илмӣ, назариявӣ ва амалии кори унвонҷуйро нишон медиҳад.

Бинобар, ин рисолаи мазкур як таҳқиқоти илмии пурраро ифода намуда, автореферати пешниҳодгардидаи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи «Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии Ҷануби Тоҷикистон» аз ҷиҳати мубрамият, навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалӣ, ҳаҷм ва мундариҷаи маводи таҳқиқотӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Давлатова Р.Н. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:

Академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси 06.01.07 – мевапарварӣ, ангурпарварӣ

Фелалиев Акрамшо Саидшоевич

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи У.Холдоров, 24
Тел: (+992) 93 786 97 77; (+992) 917 02 16 10
E-.mail: felaliev@mail.ru

Имзои Фелалиев Акрамшо Саидшоевич-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю.Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Л.Наврузқулова

Суроғаи муассиса: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 1
Тел: (+992) 93 461 5885
2 феврали соли 2026